«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои иктисодӣ, профессор
Курбонзода Маҳмадали Раҳмат
________________
«28» августи 2025 с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссератсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоишиносии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии иомзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.19-Назарияи забои пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссератсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба таҳқики масъалаҳои назариявии таърихи ташаккули ислоҳоти забоншиносии тоҷик бахшида шуда, он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.19-Назарияи забон пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти** диссертатсионии Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик» дар он зоҳир мегардад, ки бояд илми забоншиносӣ дар баробари дигар масъалаҳо таърихи ташаккули истилоҳотро мавриди таҳқиқ қарор гирифта, донишҳои забоншиносии худро дар асоси таърихии он инкишоф диҳад. Зеро, маҳз истолоҳот заминаи асосии дарки дониш ва илмҳо буда, дар шароити кунунӣ таҳқиқу баррасӣ намудани он муҳим аст. Аз ин нуктаи назар, таҳқики таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик хеле муҳим ва зарур буда, то имрӯз ҳарчанд доир ба ин самт таҳқики бунёдии илмӣ дар забоншиносии тоҷик аз ҷониби забоншиносон таълиф гардида бошад ҳам, вале доир ба таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносӣ дар бахшу гурӯҳҳои мушаххас кори алоҳидаи таҳқикӣ ба анҷом нарасидааст.

Аз ин лиҳоз, дар таҳқикоти диссертатсионӣ тасмим гирифта шуд, ки вобаста ба таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар асоси манбаъҳои бостонӣ, асрҳои миёна ва даврони муосир кори таҳқиқӣ ба анҷом расонида шуда, зимни он шаклгирӣ ва инкишофи истилоҳоти соҳаи забоншиносиро ба таври мушаххас таҳлил ва баррасӣ намудааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**

Натиҷаҳои тадкикоти унвонҷӯ дар нашриётҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷаллаҳои конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ интишор гардидааст.

Хулосаҳои муаллиф оид ба амалисозии мавзуи мазкур маводҳои фактологӣ аз адабиёти бадеӣ ва адабиёти гирдоваришуда буда, илман асоснок карда шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши маводи мазкур гардид, ки то инҷониб роҷеъ ба таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷикро аз нигоҳи илми муосири забоншиносӣ ба таври ҷудогона таҳқиқ ба анҷом нарасидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2020, №647)” иртибот дорад. Мавзуи таҳқиқи мавриди назар як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад ва ба мавзуъҳои таҳқиқи илмӣ робитаи зич дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**

Нововарии пажуҳиш дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар илми забоншиносии муосири тоҷик таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта, вижагиҳои он дар марoҳили гунонути таърихӣ муайян карда шудааст. Дар рисола бори нахуст аз нигоҳи илми мусоири забоншиносӣ ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар даврони бостон ва асри миёна ба таври ҷудогона омӯхта шудааст. Ҳамчунин аввалин маротиба таъсирпазирии байниҳамдигарии низоми грамматикии араб, олимони тоҷиктабор ва ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик баррасӣ гардида, истилоҳоти бахши овошиносӣ, луғатшиносӣ, сарф ва наҳв дар илми забоншиносӣ гурӯҳманбӣ карда шудаст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он аст, ки натиҷа ва хулосаҳои пешниҳодшуда дар он имкониятҳои фаровонеро барои пажуҳишҳои минбаъдаи забоншиносӣ, масъалаҳои марбут ба истилоҳоти забоншиносӣ мукаммал месозад. Моҳияти амалӣ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсияи мазкурро дар дарсҳои лексионӣ, дар курсу семинарҳои махсус

аз таърихи забони тоҷикӣ, таърихи истилоҳоти илмӣ, ба хусус, забоншиносӣ дар факултетҳои равияи филологӣ ва дигар риштаҳои илмҳои филологӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва ҳамчунин, истилоҳоти махсуси илмии соҳаро дар фарҳангномаҳо чун мавод истифода намудан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ**

Дараҷаи эътимоднокии кори таҳқиқотии мазкурро дақиқии маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳои додашуда дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-назариявӣ баён гаштааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки дараҷаи омӯзишу таҳқиқи илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро мушаххас намуда, дар заминаи ҷамъоварии мавод ва сарчашмаҳои амиқи истифодашуда дар илми забоншиносии тоҷик таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар асоси маводи фарҳангҳои мавҷудаи пешин ва осори донишмандони асрҳои миёна, инчунин, баҳрабардорӣ аз фарҳангҳои тафсирӣ доир ба истилоҳоти забоншиносиро мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор додааст.

Ҳамчунин, саҳми дигар довталаб дар он аст, ки ӯ дар заминаи омӯзиши маводи илмӣ-методӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқот, таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷикиро аз нигоҳи илми муосири забоншиносӣ муайян намудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Унвонҷӯ муаллифи 8 мақолаи илмӣ марбут ба кор мебошад, ки аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ ба чоп расонидааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Дар мақолаҳои илмии муаллифи рисола муҳтавои тадқиқот ба таври лозима инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсияи ба тақриз пешниҳодгашта аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 170 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмет, манбаъҳо, асосҳои назарӣ ва методологии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, навгонии илмиву тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия “Назаре ба таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик”** унвон дошта, дар он аз бобати омӯзиши таърихи истилоҳоти забоншиносии тоҷик сухан рафтааст.

Дар боби аввали диссертатсия андешаҳои забоншиносони Ҳинд, Чину Эрон, Юнон ва мамлакатҳои гуногуни Шарқу Ғарбро доир ба пайдоиши илми забоншиносӣ оварда шудааст. Ба ақидаи муаллиф дар сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва манбаъҳои муътамад забони тоҷикӣ ва таърихи ташаккулу таҳаввул ва рушду инкишофи онро чун дигар забонҳои эронӣ ба се давраи таърихӣ тақсим намудаанд: а) давраи бостон ё қадим; б) давраи миёна; в) давраи нав ё ҷадид.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки, дар шаклгирии истилоҳоти забоншиносии бахшҳои сарфу наҳв донишмандони асримиёнаи форсу тоҷик, аз қабили Ибни Сино, Шамси Қайси Розӣ, Насириддини Тӯсӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ саҳми муҳим гузоштаанд.

**Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони “Гурӯҳбандии истилоҳоти забоншиносӣ”** ба таҳқиқи хусусиятҳо ва гурӯҳбандии истилоҳоти забоншиносии тоҷик бахшида шудааст. Дар боби мазкур мавриди овошиносӣ ё фонетика бахше аз забоншиносӣ аст, ки ба таҳқиқи овозҳои гуфтори инсон мепардозад, сухан рафтааст. Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки оид ба овошиносӣ ё фонетика дар таърихи илми забоншиносӣ истилоҳоти зиёде корбаст мегардид ва ин истилоҳот тавассути осори илмие, ки аз чанде онҳоро чун намуна то замони мо расидаанд. Ҳамчунин, оид ба илми сарф андешаҳои Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Шамси Қайси Розӣ ва дигарон дар ин қисмати таҳқиқот оварда шудаанд. Таҳлилу таҳқиқ дар ин боб марҳилаҳои ташаккулу таҳаввули истилоҳоти бахши калимасозиро, ки дар забоншиносии тоҷик аз умдатарин мавзуоти таърихи илми тоҷик маҳсуб меёбад, мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Боби сеюми диссертатсия “Истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар даврони муосир”** унвон гирифта, ба таҳқиқи истилоҳоти забоншиносӣ дар

даврони истиқлол бахшида шудааст. Мавриди зикр аст, ки баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи корбасти забони тоҷикӣ фарох шуд ва муносибати сиёсиву иктисодӣ ва фарҳангии он бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон рӯ ба густариш аст ва ин боис ба он аст, ки на танҳо фарҳангҳои дузабона русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русӣ, балки фарҳангҳои бисёрзабонаи тоҷикӣ бо забонҳои дигаре, ба монанди англисӣ, арабӣ ва амсоли инҳо, ки талаботи замон аст, тартиб дода шаванд ва омӯзиши таърихӣ ва муқоисавии истилоҳоти соҳаи гуногун, аз ҷумла, забоншиносӣ низ густурда гардад.

Дар навбати худ унвонҷӯ фикру андешаҳои истилоҳшиносони варзида С. Назарзода, Ҳ. Маҷидов, Ш. Рустамов, М. Шукуров, Х. Ҳусейнов, К. Шукурова, Д. Хоҷаев ва дигар муҳаккикон оид ба масъалаҳои истилоҳшиносӣ овардааст.

Муаллифи рисола зикр намудааст, ки корбурди истилоҳоти забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлол бештар бо забони тоҷикӣ ба мушоҳида мерасад, зеро дар ин давра яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи забоншиносон ин ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мутобиқ гардонидани калимаву истилоҳот ба шумор меравад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссератсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи “Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик” дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандарт ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссератсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро ифода мекунад. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас доштани диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи “Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик” баъзе нокисиву эродҳоро пешниҳод менамоем, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд:

1. Баъзан гуногунрангӣ дар бобҳои диссертатсия ба мушоҳида мерасад, ки ба ин гуфтаҳо боби сеюми диссертатсия мисол шуда метавонад.
2. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия манбаъ нишон дода шудааст, вале саҳифае, ки аз он иқтибос гирифта шудааст ишора нашудааст.
3. Рӯйхати адабиёт низ дар диссертатсия нисбатан зиёд оварда шудааст, яъне 241 адад мебошад.
4. Дар диссертатсия ва автореферат ғалатҳои китобат ва имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Дар маҷмуъ, эродҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Хулоса ҳар як боби диссератсия бо хулосаҳои мушаххаси унвонҷӯ ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаҳои дар диссертасия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Муаллифи диссератсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар 16 банд ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳаммияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Назаров Меҳрубон Ниёзмадович омода гардидааст.

Муҳокима ва баррасии диссертатсия аз ҷониби муассисаи тақриздиҳанда, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нажмудинзода Рисолат Хайридин сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат аз ҷониби муассисаи тақриздиҳанда, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», суратҷаласаи **№1** аз **26.08.2025** тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра 8 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "тарафдор"- 8 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав **Назаров Меҳрубон Ниёзмадович**

**Эксперт:**
номзади илҳои филолгӣ, саромӯзгори
кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав **Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович**

**Котиби илмии ҷаласа:**
омӯзгори кафедраи
забони тоҷикии Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав **Шомудинова Фирӯза Олимҷоновна**

Имзоҳои М.Н. Назаров, М.Б. Раҳмонов
ва Шомудинова Ф.О.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Исозода Тоҷиддин Исо**

«27» августи соли **2025**

735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
тел: (83222)02-45-20;02-22-53
E-mail: bgu1978@mail.ru,
Сомона: http://www.bgu.edu.tj